# Меъёри бозтамвил бетағйир нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №29 аз 13 майи соли 2022 ҷиҳати бетағйир нигоҳ доштани меъёри бозтамвил дар сатҳи 13,25 фоизи солона қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти боқӣ мондани фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд. Мақсад аз қабули қарори мазкур дар давраи миёнамуҳлат нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он мебошад.